Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058 назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисоси илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст. (Душанбе, 2023. – 30 саҳ.)**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳақназаров У.Н. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми география, ки ба масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст ва дар он масъалаҳои ҷойгиркунии захираҳои меҳнатии минтақаҳои алоҳидаи кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос нуктаҳои илмии назариявӣ ва тавсияҳои амалиеро ба ҳимоя пешниҳод менамояд, ки бахри мукаммал гардидани таъмини ҷобаҷогузории қуваҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Натиҷаи кор, хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби рисоланавис манзур гардидаанд, бо дарназардошти таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, географӣ, оморӣ, инчунин андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ сурат гирифтаанд, ки асоснокии онҳоро ифода менамоянд.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ кишвари мо ба марҳилаи сифатан нави инкишофи давлатдории миллӣ ворид шуда ва мора зарур омад, ки барои пешрафти кишвар стратегияҳо нав хусусан барои пешрафти соҳаҳои саноат ва беҳтар гардонидани зиндагонии аҳолӣ қабул намоем. Аз ин лиҳоз, давра ба давра, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо дар структураи хоҷагии халқ ба вуҷуд омад.

Дар замони истиқлолияти давлатӣ омӯзиш ва оқилонаи ҷойгиркунии қувваҳои корӣ дар минтақаҳои кишвар аҳамияти муҳим дорад. Ҳангоми омӯзиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, таҳқиқии соҳаҳои хоҷагии халқ, дараҷаи рушди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ инчунин муайян намудани проблемаҳои ҷойдошта дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ зарурияти дар ин самт бурдани таҳқиқотро ба миён мегузорад.

Автореферати Ҳақназаров Умарали Нуралиевич аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии муалиф ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия – «Тавсифи умумии мафҳуми муҳоҷират, назария ва методологияи он»** аз се зербоб иборат буда, дар доираи он вобаста ба масъалаҳои назариявӣ ва методологии муҳоҷирати аҳолӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ва таърихи муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳури Тоҷикистон мавриди тадқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор дода шудааст ва чунин хулосабарори намудаанд. Таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум. Оқилона ҷойгир намудани қувваҳои корӣ, зеро самаранокии иқтисодӣ ҳамон вақт ба даст оварда мешавад. Вобаста ба ин, яке аз масъалаи баланд бардоштани самаранокии муҳоҷирати меҳнатӣ, ин коркарди комплексии соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мебошад.

Дар баробарӣ пешравиҳои соҳаҳои хоҷагии халқ бунёд намудани корхонаҳои гуногуни саноатӣ, истифодаи самараноки қувваҳои корӣ барои кам намудани ҳаҷми муҳоҷирати хориҷӣ мусоидат менамояд. Барои ҳамин бояд кӯшиш намоем, ки заводу фабрикаҳои меҳнатталаб сохта ба истифода дода шаванд.

**Боби дуюми диссертатсия – «Муҳоҷирати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисодӣ бозоргонӣ»** аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур сабаб ва омилҳои муҳочирати меҳнатӣ, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии он ва проблемаҳои мавҷудаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инҷунин омода намудани кадрҳои баландихтисос ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ ва проблемаҳои самаранок истифодабарии онҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст.

**Боби сеюми диссертатсия – «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географӣ ва дурнамои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ ва дурнамои он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.**

Автореферати Ҳақназаров У.Н. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Дар саҳифаи 15 ҳангоми таҳияи харитаи муҳоҷирати байни ноҳиявӣ тарзи аломатгузорӣ дар харита нофаҳмо аст, хуб мешуд, ки дар вақти ҳимоя ин масъаларо шарҳ медоданд.
2. Унвонҷӯ дар саҳиҳаи 19 оварда шудааст, ки дар айни замон дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ 24 адад литсейҳои касбӣ - техникӣ фаъолият доранд ва соли таҳсили 2020 – 2021 дар ин муассисаҳои талимӣ аз рӯйи касбҳои гуногун зиёда аз 23,1 ҳазор нафар ба таълим фаро гирифта шуда аст. Хуб мешуд, ки алоқамандии ин муассисаҳои таълимии касбӣ-техникиро бо корхонаҳои саноатӣ шарҳ медоданд.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокавд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои географӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагирӣ хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми география ва демография саҳми сазовори худро гузоранд.

Мутобиқати барасмиятдарории автореферат ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Автореферат Ҳақназаров У.Н. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Автореферат аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, автореферати Ҳақназаров Умарали Нуралиевич ба талаботҳо оид ба корҳои автореферат дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ва рекреатсионӣ (илмҳои география) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**н.и.и. мудири шуъбаи таҳқиқоти демографии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ** Субҳонов А.И.

**Имзои Субҳонов А.И-ро тасдиқ мекунам:**
**Инспектори калон оид ба кадрҳои Институт** Қурбонов Э.Т.
**«24» 05 2023 с.**

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. С. Айнӣ 44,
E-mail: info@ied.tj Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65
Факс: +992 (37) 221-67-50